# TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

## Course: Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan

# Week: 11. INSTITUTIONAL ANALYSIS OF FACTORS INFLUENCING HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Institutional analysis of factors influencing human capital development

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 11

## ТАҲЛИЛИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ОМИЛҲОИ БА РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ТАЪСИРРАСОН

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

11.1. Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

11.2. Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

11.3. Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Таҳлил, хусусиятҳо, рушди сармояи инсонӣ, омилҳо ва принсипҳои асосии институтҳо, принсипҳои асосии таъсиррасон, рушди сармояи инсонӣ ва рушди институтҳо, институтҳо ва хусусиятҳои асосии он, нақши институтҳо дар иқтисодиёт, сармояи инсонӣ ва омилҳои таъсиргузор дар шароити муосир, таҳлили ҳолати воқеии институтҳо дар иқтисодиёти муосир.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Амсилаҳои гуногун доир ба омӯзиш ва таҳлили мушкилотҳои ташкилӣ, инчунин масъалаҳои захираҳои инсонӣ ва омилҳои ба рушди онҳо таъсиркунанда дар шароити муосир мавҷуданд. Дар ин раванд таваҷҷӯҳ ба амсилаҳои гуногун равона гардид:

А) Сохторӣ,

Б) Рафторӣ

В) Бунёдӣ

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Дар ҷараёни омӯзиш чунин равандҳоро ба инобат гирифтем, зеро онҳо ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ таъсиргузоранд. Дар шароити муосир рушди сармояи инсонӣ аз ташаккули чунин равандҳо манша мегиранд.

Ба нишондиҳандаҳои сохторӣ метавон дохил намуд - сохтор тамоми унсурҳо, омилҳо ва шартҳои физикӣ ва омилҳои ғайриинсонӣ ки бо ҳамдигар тахти тартиби муайян қарор мегиранд, дорои қоидаҳо ва таркиби махсус ҳамкорӣ мебошанд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Дар ҳамбастагӣ онҳо метавонанд зинаи асосии созмонро ташаккул диханд. Қайд намудан зарур аст, ки чунин нишондиҳандаҳои сохторӣ метавонад, дар асоси усули вазифавӣ ва чараёни идоракуниро таъмин намояд.

Ба нишондиҳандаҳои рафторӣ метавон муносибатҳо ва рафтори шахсро дохил намуд, ки онҳо бо моделҳои рафтор ба ҳам тавъаманд ва қувваи асосси созмонро ташкил медиҳанд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Яке аз моҳиятҳои асосии ин созмон рафтори шахс ҳисобида мешавад ва дар созмон барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошта шуда, созмон тамоми чораҳоро роҳандозӣ менамояд.

Ба нишондиҳандаҳои бунёдӣ метавон ҳаминро қайд намуд, ки дар тули солҳо таҳқиқотчиён ва олимони соҳаи мазкур дар асоси нишондиҳандаи мазкур назарияҳои гуногунро ҳаматарафа таҳия намудаанд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Таоми шароитҳои мавҷударо ки барои муҳити зист ва омилҳои экзогенӣ ки манзараи муҳити берунаи созмонро иникос менамояд. Нишондиҳандаҳои бунёдӣ муҳимтарин ва асоситарин нишондиҳанда ба шумор меравад, ки рушди ду нишондиҳандаҳи дар боло зикр гардида аз ин нишондиҳанда вобастагӣ зичро доро мебошад. Ташаккул ва рушди ду омили дар боло буда аз рушди ин нишондиҳандаи бунёдӣ манша мегиранд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Дар шароити муосир яке аз роҳҳои беҳтари эъҷодӣ некӯаҳволии иқтисодӣ, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати захираҳои инсонӣ ва ташаккул ва рушди малакаҳои касбӣ аз захираҳои инсонӣ вобаста мебошанд. Яке аз роҳҳои асосии омӯзиш ва рушд ин омӯзиши захираҳои инсонӣ ба шумор меравад.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Ба андешаи таҳқиқотчиёни соҳаи мазкур ташаккул ва рушди иқтисодиёт аз ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи маориф манша мегирад, зеро дар ин соҳа мутахассисони баландихтисос омода мегарданд, ки онҳо дар оянда барои ташаккул ва рушди соҳаи мазкур саҳми беандозаи хешро мегузоранд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Рақобаттавоноии ва устувории иқтидори инсонӣ метавонад, муносибатҳои идоракуниро мустаҳкамтар гардонад, ки дар асоси он дар рафти қабули қарорҳои зарурӣ ба кормандон вазифаҳои муайянро муҳаё намоянд. Метавон чунин қайд намуд, ки додани вазифаҳо ба корманд маънои додани тамоми имкониятҳои заруриро ба мисоли ба кор қабул кардан, аз кор озод кардан, омӯзиши одамон ва арзёбии натиҷаҳо дорад.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Дар ҳолати дар ҳамбастагӣ фаъолият намудани кормандон онҳо метавонанд, дар якҷоягӣ қарорҳои заруриро бо роҳбарии роҳбар қабул намоянд.

То дар оянда чунин қабулии қарорҳо тавонад ба баланд гардидани рушди иқтисоди корхона ё ташкилот манфиатовар гардад. Дар рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ нақши муассир гузорад.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ




**Расми 1. Нишондиҳандаҳои асосии рақобаттавонии захираҳои инсонӣ**

**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Ин нишондиҳандаҳои расми 1 метавонанд дар баланд бардоштани малакаи касбии кормандон нақши муҳимро ичро намоянд. Дар сурати самаранок истифода намудани чунин омилҳо дилхоҳ корхона ё ташкилот метавонанд ба натичаҳои назаррас ноил гарданд. Зеро чунин омилҳо дар баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат ва ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ нақши муҳимро доро мебошад.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Тарбия ба мафҳумҳо ва падидаҳое муталлиқ аст, ки дар бораи моҳият ва маъно фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Ҳар як мактаби илмӣ бар асоси натиҷаҳои таҳқиқотҳои хеш таърифи муайянеро доир ба тарбия пешниҳод намудаанд. Оид ба таърифи тарбия Афлотуни бузург чунин таъриф додааст, «тарбияро зеботарин чиз медонанд, ки дар зеботарин одамон зоҳир мешавад».

Омӯзиши захираҳои инсонӣ аз кӯмак ба одамон дар пайдо кардани салоҳият иборат аст.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Институт ва институтсионализм. Институт дар ташкилот ва идора сохтори мутобиқшавиро дар назар дорад, ки параметрҳои хеле баланди нарх дорад, вақте он ҳангоми пешниҳоди моли имтиёзнок чунин аъзо дорад, ки фаъолияти ҳаётии худро дар асоси фаъолияти зиндагӣ ва нигоҳдории муассиса асос ёфта, зери таъсири ҳар кадоме тағйир меёбад. Институтҳои асосии истеҳсолӣ аз инҳо иборатанд:

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

А) институтҳо намунаҳои рафтори иҷтимоиро дар одамон ҷорӣ мекунанд. Яъне, одамон ба воситаи институтҳо дарк мекунанд, ки дар вазъиятҳои гуногун ҳамин тавр амал кардан лозим аст. Дар воқеъ, муассисаҳо рафторро ба одамон тавассути раванди ҷомеасозӣ интиқол медиҳанд.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

Б) институтҳои аъзои ҷомеа нақшҳо ва интизориҳои гуногунро аз фаъолияти онҳо муайян ва мушаххас мекунанд. Вақте ки интизориҳо аз як нақш мушаххас мешаванд, шахс дар асоси қобилиятҳои худ метавонад қарор қабул кунад, ки дар ҳолатҳои муайян кадом нақшҳоро иҷро кунад.

# Моҳияти асосии таҳлили институтсионалӣ

В) институтҳо тавассути устуворӣ ва ирсиятнокии фарҳанг одамонро бо намунаҳои рафтори институтсионалӣ илҳом мебахшанд. Одамон ба чунин амсилаҳо тавассути институтҳо, ки рафтори мушаххас доранд, одат мекунанд.

Г) институтҳо рафтори аъзоёни ҷамъиятро танзим ва назорат мекунанд. Воқеан, азбаски институтҳо мунтазириҳои қобили қабули ҷомеаро инъикос мекунанд, беэътиноӣ ба ин интизориҳо метавонад боиси муҷозоти фард гардад. Одамон ба интизориҳои ҷомеа мувофиқат карданро афзалтар медонанд[1].

1. Одинаев А.М. Такмили механизми

рушди сармояи инсонӣ дар шароити

ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ.

Душанбе 2023. Саҳ. 94-111

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон имрӯзҳо рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир, ташаккули иқтисодиёти дониш боиси тағйир ёфтани мавқеи шахс дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва табдил ёфтани донишҳои расмӣ ба сармояи ғайримоддӣ мегардад. Мустаҳкам намудани модели антропосентрикии ташкили меҳнат ба фаъол гардондани неруи эҷодии шахс, баланд бардоштани аҳамияти сармояи инсонӣ дар ҷараёнҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Ҳамчун омили пешбарандаи эҷодии ҷамъият такрористеҳсолкунӣ дар шакли умумӣ, сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳои зеҳнӣ фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби шахс ё ташкилот барои ба даст овардани даромад истифода мешавад, ки дар шароити инкишофи ҷамъияти баъдииндустриалӣ ба вуҷуд омада, «маҷмуи тамоми сифатҳо ва хосиятҳои аттрибутивӣ, қобилиятҳо ва қувваҳои истеҳсолкунанда, нақш ва шаклҳои функсионалиро дар бар мегирад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Ба ин захираи ҷамъшуда - саломатӣ, дониш, салоҳияти касбӣ, қобилият, ҳавасмандии шахс дохил мешавад, ки барои фаъолияти меҳнатии корманд оид ба эҷоди маҳсулот ва хизматрасонӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани даромад ва сифати зиндагии ӯ асос мегардад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Дар соҳаи иқтисодиёт сармояи инсонӣ хусусияти бисёрҷабҳагӣ дошта, ҳамчун ниҳоди мушаххасе амал мекунад, ки он самти созандаи фаъолияти инсон, модернизатсияи баъдииндустриалӣ ва рушди инноватсиониро таъмин менамояд.

Он аз дигар намудҳои сармоя бо нишонаҳои зерин: давраи муайяннамои сармоягузорӣ, гуногунии шаклҳои баргардонидан, дараҷаи баланди таваккал, маблағгузории назарраси молиявӣ ва соҳиби дониши касбӣ, малакаҳои амалӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва аз равонии кормандони ширкат фарқ мекунад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон




**Расми 1. Сохтори сармояи инсонӣ**

**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф**

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Самаранокии баррасии илмӣ ва дарки хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ зарурати омӯзиши онро тавассути призмаи равиши институтсионалӣ пешбинӣ мекунад, ки барои таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар ҷомеаи ташаккулёбандаи дониш ба амал меоянд, шароити мусоид фароҳам меорад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Самаранокии баррасии илмӣ ва дарки хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ зарурати омӯзиши онро тавассути призмаи равиши институтсионалӣ пешбинӣ мекунад, он барои таҳлили ҳамаҷонибаи равандҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар ҷомеаи ташаккулёбандаи дониш ба амал меоянд, имконият медиҳад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Асосҳои консептуалии таҳлили институтсионалӣ дар асарҳои Т.Веблен гузошта шудаанд, ки институтҳоро ҳамчун роҳҳои одатии «ба амал баровардани чараёни ҳаёти чамъияти дар робитаи он бо муҳити моддие, ки чамъият дар он зиндагӣ мекунад» меомӯзад. Ин ниҳодҳо аз нигоҳи Т.Веблен ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои чамъиятӣ вучуд доранд ва амал мекунанд, ки мачмӯи қоидаву созишномаҳои ичтимоиро дар шакли забони муошират, пул, қонун, низоми вазн ва ченак, инчунин фирмаҳо (ва дигар намудҳои ташкилотҳо), ки дар натичаи одатҳои рафтор ба вучуд меоянд фаҳмида мешавад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Т.Шулс институтҳоро ҳамчун қоидаҳо, аз ҷумла муносибатҳои пулӣ, сохторҳои ташкилӣ, ҳуқуқи моликият, шаклҳои сармояи инсонӣ, инфрасохтори моддию техникӣ шарҳ медиҳад.

Консепсияи рушди институтсионалӣ, ки аз ҷониби Д.Норт таҳия шудааст, таваҷҷӯҳи зиёд дорад, ки дар он ғояи нақши созандаи сармояи инсонӣ дар раванди табдили муҳити институтсионалӣ мавҷуд аст. Ба андешаи Д.Норт, институт «маҷмӯи маҳдудиятҳое мебошад, ки сунъӣ сохта шудаанд, ки ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро сохторбандӣ мекунанд».

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Институт дар ташкилот ва идора сохтори мутобиқшавиро дар бар мегирад, ки нишонидаҳандаҳои хеле баланди нархро доро буда, ҳангоми пешниҳоди моли имтиёзнок чунин аъзо дорад, ки фаъолияти ҳаётии хешро дар асоси фаъолияти зиндагӣ ва нигоҳдории муассиса сарчашма ёфта, зери таъсири ҳар кадоме тағйир менамояд. Институтҳои асосии истеҳсолӣ аз инҳо иборатанд:

- намунаҳои рафтори ичтимоиро институтҳо дар одамон ҷорӣ менамоянд. Инчунин, одамон ба воситаи институтҳо дарк менамоянд, ки дар вазъиятҳои гуногун ҳамин тавр амал намудан зарур аст. Дар навбати хеш муассисаҳо бошад рафторро ба одамон тавассути раванди ҷомеасозӣ амалӣ менамоянд.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Б) институтҳои аъзои ҷомеа накшҳо ва интизориҳои гуногунро аз фаъолияти онҳо муайян менамояд. Дар ҳолате ки интизориҳо аз як накш муайян мегардад, шахс дар асоси малакаву қобилиятҳои хеш метавонад мустақилона қарор қабул намояд, ки дар ҳолатҳои мушаххас кадом накшҳоро амалӣ намояд.

В) институтҳо дар навбати хеш бошад тавассути устуворӣ ва ирсиятнокии фарҳанг одамонро бо намунаҳои рафтори институтсионалӣ илҳом мебахшанд. Одамон ба чунин амсилаҳо тавассути институтҳо, ки рафтори мушаххас доранд, одат менамоянд.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Г) рафтори аъзоёни ҷамъиятро институтҳо танзим ва назорат мекунанд. Қайд намудан зарур аст, ки институтҳо мунтазириҳои қобили қабули ҷомеаро инъикос мекунанд, беаҳамиятӣ ба ин интизориҳо метавонад боиси муҷозоти шахс гардад. Одамон ба интизориҳои ҷомеа мувофиқат карданро қабул менамоянд.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон




**Расми 1. Фаъолияти асосии институтҳо**

**Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ**

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Таъсири ин муассисаҳо тавассути татбиқи сармояи инсонӣ дар сохторҳои ташкилӣ дар шакли навовариҳои институтсионалӣ сурат мегирад, ки тағйироти шуури шахсро дар раванди омӯзиш ва гирифтани донишҳои нав дар бораи ҷаҳон таъмин мекунанд.

**Дар байни институт ва ташкилот фарқияти зиёде вуҷуд дорад, аз ҷумла:**

- Дар натиҷаи эҳтиёҷоти иҷтимоии шахсони алоҳида ҳарду пайдо мегарданд;
- Тартиби муайянеро барои муносибат ва ҳамкории аъзои ҷомеа ҳарду сохтор танзим мекунанд;
- Ҳардуи сохтор асос ва барномаи худро доро мебошанд;
- Зарурати риояи иерархия дар ҳарду ҳатмӣ ҳисобида мешавад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Сохторҳои ташкилӣ ба монанди дигар омилҳо дар институтҳо ва ташкилотҳо хусусиятҳои мухталиф доранд. Умуман, институтҳо сохтори органикӣ доранд, дар ҳоле ки ташкилотҳо сохтори механикӣ доранд.

Хусусиятҳои ташкилотҳое, ки сохтори содда ва шаффоф, мураккаб ва ношаффофро истифода мебаранд, бо назардошти дараҷаи институтсионаликунонӣ оварда шудаанд.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Мутобиқи ин андешаи олим муассисаҳоро ба расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо мекунад. Муассисаҳои расмӣ, аз нуқтаи назари ӯ, танҳо қисми намоёни системаи институтсионалӣ мебошанд. Дар баробари ин, дар ин система қисми назаррасро институтҳои ғайрирасмӣ ишғол мекунанд, ки дар натиҷаи раванди дуру дарози рушди таърихӣ ташаккул ёфта, ба сармояи инсонӣ тавассути фарҳанг, анъана ва қолабҳои рафтор таъсир мерасонанд.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Ҳамин тариқ, баррасӣ намудани хусусиятҳои асосӣ ва сохтории сармояи инсонӣ имкон медиҳад, ки тавассути сохторҳои ташкилӣ ва созишномаҳои институтсионалӣ таъсири муҳити институтсионалӣ ба сармояи инсонӣ муайян карда, институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки дар ташаккул ва рушди он иштирок доранд, муайян карда шавад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Ба муассисаҳои расмӣ инҳо дохил мешаванд: заминаи қонунгузорӣ, ки фаъолияти кормандро дар меҳнат, гирифтани маълумот, нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ ва ғайра муайян мекунад, инчунин маҷмӯи муассисаҳои дахлдори инфрасохтори истеҳсолӣ, таълимӣ, илмӣ, тандурустӣ, фарҳангию маърифатӣ, фаъолияти ҷамъиятии меҳнаткашон.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Ба институтҳои ғайрирасмӣ, дар навбати худ, инҳо дохил мешаванд: институти оила, муҳити иҷтимоӣ, дин, фарҳанг, идеология, менталитет, анъанаҳои миллӣ ва ғайра. Чун қоида, таъсири институтҳои расмӣ нисбат ба объектҳои сармояи инсонӣ равона ва мақсаднок аст, дар ҳоле ки таъсири институтҳои ғайрирасмӣ бештар паҳн мешавад, гарчанде ки он қариб дар тамоми ҷанбаҳои фаъолияти инсонӣ зуҳур мекунад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Таҷрибаи таърихии рушди кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки модели иқтисодии ташаккулёфтаи фаъолияти ҷомеа маҷмӯи муайяни институтҳои расмӣ ва ғайрирасмиро дар бар мегирад, ки аз дигар моделҳо бо хусусиятҳои вақт ва мундариҷа фарқ мекунанд ва модели мавҷуда ба дигаргуниҳои институтсионалӣ хеле ҳассос аст.

Бинобар ин, истифода бурдани таҷрибаи давлатҳои пешқадами ҷаҳон дар тараққиёти системаҳои иқтисодии онҳо ба хусусиятҳои миллии тараққиёти мамлакатҳо ва халқҳо мувофиқ кунондани онро талаб мекунад.

# Омилҳои асосии ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон

Дигаргуниҳои тамаддунии ҷаҳони муосир бо ташаккул ва рушди ҷомеаи дониш алоқамананд, ки дар асоси модели нави иқтисодӣ – иқтисоди дониш ҷойгузини иқтисоди индустриалӣ мебошад. Гузариш ба иқтисодиёти дониш модели антропосентрикии ташкили меҳнатро фаъол месозад, ки зарурати васеъ намудани миқёси сармоягузорӣ ба сармояи инсониро пешбинӣ намуда, имкон медиҳад, ки ин сармоя ба омили пешбарандаи дигаргуниҳои инноватсионии иқтисодӣ ва рушди созандаи иқтисоди муосир табдил дода шавад.

# Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир

Ҷомеаи донишҳои муосир бо табдил додани дониш ба манбаи асосии ҷамъкунии сармояи инсонӣ, захираи асосии истеҳсолот, тағирёбии хусусият ва мазмуни меҳнати коргарон, такмили табиати эҷодӣ, зеҳнии он, эҷоди иттилоот ва захираҳои коммуникатсионӣ ва имкониятҳои шабакавӣ барои рушди институтсионалӣ, ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҷаҳонии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки шароити фаъолияти иқтисоди миллӣ ва моделҳои бизнесро ба таври назаррас тағйир медиҳанд.

# Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир




**Расми 1. Хусусиятҳои фарққунандаи фаъолияти сармояи инсонӣ дар иқтисоди индустриалӣ ва ҷомеаи дониш асосёфта**

**Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.**

# Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир

Рушди сармояи инсонӣ аз сабаби истифодаи бесамари захираҳои дониш дар фаъолияти инсон, номуайянии оқибатҳои қарорҳои идоракунӣ дар шароити дониши нопурра, рушди сусти инфрасохтори институтсионалӣ, ки имкони навсозии технологиро коҳиш медиҳад, суст мешавад, корхонаю фирмаҳо, тамаркузи фаъолияти сармоягузориро ба инкишофи захираҳои инсонӣ, ба вуҷуд овардани истеҳсолоти инноватсионии баландтехнологи дар асоси рушди кластерҳои илмию таълимӣ бадтар мекунад.

# Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир

Ташаккули иқтисодиёти дониш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани ҷузъҳои институтсионалии зеринро дар бар мегирад, ки имкон медиҳанд сармояи инсониро такмил диҳанд:

- таҳияи модели нави таҳсилот, ки системаи институтсионалии таҳсилоти муттасилро таъмин менамояд, ки ба ташаккули шахсияти эҷодкор нигаронида шудааст, барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионии созанда омода аст;

# Самтҳои асосии фаъолияти институтҳо дар шароити муосир

- таъмини тамоюли устувори рушди илми фундаменталӣ ва амалӣ, пурзӯр намудани рушд ва татбиқи дастовардҳои илмӣ тавассути ташкили кластерҳои инноватсионӣ ва таълимӣ, паркҳои технологӣ ва марказҳои интиқоли технологияҳо, маблағгузории муштараки тадқиқоти илмӣ-таҳқиқотӣ бо иштироки якҷояи намояндагони давлат, илм ва тиҷорат ва тиҷоратикунонии ҳатмии натиҷаҳои ихтироот;

Дар фарҷом барои баланд бардоштани муҳити институтсионалӣ ин ташаккули самарабахши иқтисодиётии дониш шуморида мешавад.

# ХУЛОСА

Такрористеҳсоли пурраи сармояи инсониро дар асоси тағйироти сифатӣ дар ҳаёти инсон, муносибати ӯ ба худ ва ҷаҳони гирду атроф таъмин менамояд, ки тамоми иқтисодиётро ба шароити мусоиди такрористеҳсолкунии васеъи илм ва маданият табдил дода, ҳамчун такягоҳи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

# Адабиёт:

1.Одинаев А.М. – Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ, Душанбе 2023, саҳ. 56-66.

2. Рустамзода Ф.М. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити муосир, Душанбе 2023.

3. Mincer J. The Production of Human Capital and the Lifecycle of Earnings: Variations on a Theme. - Working Paper of the NBER, 1994, ст.61.

4. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономическая теория. - М., Юнити, 2002, ст.98.